**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вазорати корҳои дохилӣ**
**Академияи**

# *ҲИСОБОТИ КОРҲОИ ИЛМИ-ТАДҚИҚОТИИ ҲАЙАТИ ПРОФЕССОРОНУ ОМ,ЗГОРОНИ АКАДЕМИЯИ ВКД-и Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2005*

***Ҳисобот дар ҷаласаи Шӯрои олимони***
***Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз***
***«30» - уми декабри соли 2005***
***муҳокима ва тасдиқ карда шудаастӯ***

**ДУШАНБЕ 2005**

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати устодону профессорони Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2005: тибқи санадҳои меъёрии давлативу идоравие: ки корҳои илмиро дар макотиби олии таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ ба танзим медароранд: ба анҷом расонида шудааст. Раванди корҳои илмиву тадқиқотӣ ва ба ҳисобгирии натиҷаҳои онҳо тибқи Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2005 муайян карда шуда буданд.

Фаъолияти илмӣ-тадқиқоти (минбаъд ФИТ)-и ҳайати устодону профессорон ва шунавандагон аз тарафи Шӯъбаи илм ва табъу нашр ташкил ва ҳамовоз карда мешавад. Банақшагирӣ: баҳисобгирӣ ва назорати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар нақшаҳои кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии ҳайати профессорону-муаллимон инъикос ёфта: дар Шӯъбаи илм ҷамъбаст карда мешаванд.

Натиҷаҳо ва самтҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ дар ҷаласаҳои кафедра: маҷлисҳои якҷояи Шӯъбаи илм ва кафедраҳо: маҷлисҳои таъҷилӣ дар назди сардори Академия ва Шӯрои илмии Академия муҳокима мешаванд.

Кори илмӣ-тадқиқотии Академия дар соли 2005 ба самти фаъолияти худ мувофиқ буда: мақсади коркарди лоиҳаҳои қонунгузорӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқиро дар доираи мубориза алайҳи ҷинояткорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо: такмил додани фаъолияти мақомоти корҳои дохила: таъмини тайёр намудани мутахассисони варзида: инчунин кадрҳои илмӣ-педагогиро пешбинӣ мекунад.

Мавзӯи илмӣ-тадқиқоти Академия - «*Системаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ% таърих: имрӯз: оянда*» ба як проблемаи калони комплексӣ алоқаманд карда шудааст: ки самтҳои асосии тадқиқоти илмиро ташкил мекунад. Бояд таъкид кард: ки ин равиш ба вазифаҳои дар назди Академия гузошташуда: дар мавриди тайёр намудани мутахассисон барои системаи ВКД-и ҶТ: мувофиқат мекунад.

Муҳим будани мавзӯъҳои мавриди коркард қароргирифта иборатанд аз%

- пайваста такмил додани қонунгузорӣ.
- таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаҳои амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- коркард ва омода намудани пешниҳодҳо баҳрои самаранок гардонидани фаъолияти таълимӣ ва ҳифзи ҳуқуқӣ;
- бо назардошти шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ ва криминогенӣ таълиф намудани адабиёти таълимӣ;

Тадқиқоте: ки аз ҷониби ҳайати устодону профессорони Академия анҷом дода мешавад: баҳри коркарди ҳам проблемаҳои тадқиқоти бунёдӣ ва ҳам проблемаҳои амалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниву ҳуқуқтатбиқкунӣ: инчунин раванди таълимию тарбиявӣ равона карда шуда буданд.

Дар ҷараёни иҷроиши Нақшаи корҳои илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2005 маводи зерин ба табъ расонида шудаанд%

1. **Монография**<u>%</u> 7-то%

а) ***Шарипов Х.Х.*** Борьба с организованной преступностью специализированными подразделениями ОВД (на материалах и опыте МВД Республики Таджикистан). Душанбе. Матбуот. 2005. 320 с.

б) ***Иномов М.*** Шуҷоати Спитамен. Хуҷанд: «Хуросон»: 2005. 248с.

в) ***Абдулов А.М.*** Правовые основы и практика пенитенциарной системы Таджикистана во второй половине XIX начале XX вв. Душанбе. 2005. 352 с.

г) ***Назаров Н.*** История таджикской милиции. Этапы становления, развития и совершенствования. Душанбе. Хумо. 2005. 312 с.

д) ***Назаров Н., Якубов М.Х.*** Таджикская милиция в годы ВОВ (1941-1945). Душанбе. «Хумо» 2005. 142 с.

е) ***Холиқов А.Г.*** Правовая система зороастризма. Душанбе. 2005. 485с.

х) ***Хокироев Р.*** Сиёвуш дар устура ва адабиёт. Душанбе. 2005. 82с.

2. **<u>Китобҳои дарсӣ</u>** (учебник)% 2-то%

а) ***Сотиволдиев Р.Ш.*** Назарияи идоракунӣ. Китоби дарсӣ**.** Душанбе. 2005. 207с.

б) ***Бахриддинов С., Сайфиддинов А., Давлатов Д., Умаров И., Умаров П.*** Зағита прав человека как функция и обязанность милиции. Душанбе. 2005. 174 с.

3**. Курси лексияҳо%** 1-то%

***Раҳматҷонов А.: Оқилова М.*** Курси лексияи «Мурофиаи ҷиноӣ». Қисми умумии коркардашуда бо иловагиҳо. Хуҷанд& «Хуросон»& 2005. 70с.

4. **<u>Дастурҳои таълимӣ</u>** (учебные пособия)% 9-то%

а) ***Сафаров И.*** Теории правового государства: историческое развитие и современное понимание. Душанбе. 2005. 60с**.**

б) ***Ализода Б.П.*** Одоби касбӣ ва муоширати хизматчии давлатӣ. Душанбе. 2005. 64с.

в) ***Ғафуров М.Ҳ.: Равшанов Ч.Б.*** Практикуми лаборатории МАТЛАБ барои ихтисосҳои муҳандисӣ. Қисми 1. Душанбеӯ 2005. 103с.

г) ***Ғафуров М.Ҳ.: Равшанов Ч.Б.*** Практикуми лаборатории МАТЛАБ барои ихтисосҳои муҳандисӣ. Қисми 2. Душанбеӯ 2005. 107с.

**д) *Искандаров З.*Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. Душанбе. 2005. 304с.**

**ж) *Рахимов Р.* Истоки формирования законодательство Республики Таджикистан в области оперативно-роззыскной деятельности. Душанбе. 2005. 103с.**

з) ***Рахимов Р.*** Истоки создания и развития национального законодательство Республики Таджикистан в области оперативно-роззыскной деятельности**.** Душанбе. 2005. 58с.

и) ***Шокиров Т.*** Аломатҳои китобатии забони тоҷикӣ. Хуҷанд. 2005. 70с.

й) ***Оқилова М.*** Методическая разработка по криминалистике. Хаджент. 2005. 12с.

5. **<u>Дастурҳои таълимӣ-методӣ%</u>** 5-то%

а) ***Саймуддинов Ш.С.*** Методика **у**чебно-воспитательной работы со слушателями. Душанбе. 2005. -54 с.;

б) ***Иномов М***. Усули таълими таърих дар мактаби миёна. Душанбе. 2005. 218с.

в) ***Мирзоев З.*** Учебно-методическое пособие в помощь слушателям Академия МВД РТ, изучающим английский язык**.** Душанбе. 2005. 27с.

г) ***Бахриддинов С., Сайфиддинов А., Давлатов Д., Умаров И., Умаров П.*** Защита прав человека как функция и обязанность милиции. Душанбе. 2005. 200 с.

д) **Сборник международных документов и законодательства Республики Таджикистан по правам человека (для сотрудников правоохранительных органов).** ОИЛА-PRINT. Душанбе. 2005. 512 с. (МВД РТ, Академия МВД РТ и Бюро по правам человека и соблюдению законности, Датский Институт прав человека). (**Бахриддинов С., Сайфиддинов А., Давлатов Д., Умаров И., Умаров П.** ).

**6**. **<u>Маҷмӯи мақолаҳои илмӣ</u>** (Сборник научных статей)% 1-то

1. Труды Академии МВД. Выпуск 8 (муҳаррири масъул% Дӯстов Ф.Ҳайати тахририя К.Ҳ.Солиев-номзади илмҳои ҳуқуқ: А.Ш.Розиқзода-доктори илмҳои таърих: М.Ҳ.Ғафуров-номзади илмҳои техникӣ ва К.С.Саидолимов - номзади илмҳои филологӣ .Душанбе. 2005. 312 с.).

7. **<u>Мақолаҳои илмӣ</u>**% 100-то.

Аз он ҷумла% Дӯстов Ф. -1; Сотиволдиев Р.Ш. -2; Солиев К.Ҳ. -4; Ғафуров М.Ҳ. -2; Шарипов Т. -2; Розиқзода А.Ш. -2; Сайфуллоев Н.М.-4; Ҷӯрабоев Г.Д. -5; Холиқов А.Ғ. -8; Абдулов А.М. -4; Холиқов К. -6; Назаров Н.Ҷ. -7; Иномов М. (фак. №4) -2; Шокиров Т. (фак. №4) -1; Ализода Б.П. -2; Саидолимов К.С. -3; Раҷабов Р.М. - 4; Сайфиддинов А.А. -4; Хокироев Р. -3; Сайҳдов И. -1; Холмуродов Ф. –2; Ашуров С.Г. -1; Искандаров З. -4; Бахриддинов С.Э. -5; Нодиров Ф. -6; Сафаров И. -2; Асламов Б - 1; Абдулатипов У. (ф.№4) -3; Кенҷаев Ш. (ф.№4) -2; Муаззазов С. (ф.№4) -2; Турсунов Ф.(ф.№4) -4; Боев Ҷ. -1;

Таълиф ва таҳриру тасҳеҳи китоби «***Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон***» аз ҷониби гурӯҳи муаллифон% Солиев К.Ҳ.: Сотиволдиев Р.: Шарифов Т.: Холиқов А.Г.: Холиқов К.Н.: Нодиров Ф.: Искандаров Б.: Баҳриддинов С.: Раҷабов Р.М.: Сафаров И.: Сайфиддинов А.: Буриев И.: Ғафуров М.Ҳ: Саидолимов К.С. ва Каримова Л. ба анҷом расонида шуд ва дар арафаи интишор қарор дорад.

Таҳти сарварии ноиби сардори Академия Солиев К.Ҳ. гурӯҳи корӣ дар ҳайати устодону кормандони Академия ташкил карда шудааст: ки роҳбарии онро сардори кафедраи назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат Раҷабов Р.М. ба ӯҳда дорад ва то имрӯз роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ***"Дар бораи милитсия"*** чанд нафар омӯзгорон: аз ҷумла: Солиев К.Ҳ.: Раҷабов Р.М.: Каримов А.М.: Сайфиддинов А.: Имомназаров Ф.: Самиев Н.: Азизуллоев Ш.: Ҳаитова Р.: Махкамов Ш.: Убайдуллоев Ш.: Саидов А.: ва дигарон мақолаҳоро оид ба тафсири он дар рӯзномаи "Сипар" ба табъ расонидаанд.

9. **Брошюра%** 3-то%

а) ***Абдулатипов У.*** Адолат дар «Авасто» (БАХШИДА БА СОЛИ ТАМАДДУНИ ОРЁӢ). Хуҷанд: «Наргис». 2005с. 26 с.

б) ***Абдулов А.М.*** Правовые основы отбывания наказания в зиндане. Душанбе. 2005. 36с.

в) ***Хаитова Р.*** Права граждан при задержании. Душанбе. Академия МВД РТ. 2005г. 10 с.

10. **Авторефератҳо%** 1-то%

***Абдулов А.М.*** Правовые основы и практика пенитенциарный система Республики Таджикистан во второй половине XIX-XX вв. Душанбе. 2005 г. 43 с.

11. **Пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ: санадҳои меъёрии идоравӣ ва фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ%** 9-то%

а) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2005 дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №1 аз 25.04.2001 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои одамкушӣ» (Солиев К.Х.: Шарифов Т.);

б) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2005 дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 12.12.2005 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳое: ки ба воситаҳои нашъадор: психотропӣ ё прекурсҳо алоқаманданд» (Солиев К.Х.);

в) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2005 дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №5 аз 13.03.2003 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба таъин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯи маҷмӯи ҳукмҳо» (Солиев К.Х.: Шарифов Т.);

г) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.05 «Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани асосҳои умумии таъини ҷазо» (Солиев К.Х.: Шарифов Т.);

д) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Солиев К.Х.);

ж) Коркарди лоиҳаи Дастурамали ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба татбиқи баъзе муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (Раҳимов Р.: Солиев К.);

з) Пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйироту иловагиҳо ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ» (Каримов А.).

и) Пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйироту иловагиҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (Раҳимов Р.: Солиев К.);

й) Пешниҳодҳо ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.XII.05 «Дар бораи санадҳои ҳолати гражданӣ» (Махкамов Шӯ)ӯ

11. **Барномаҳои таълимӣ**% 14-то%

а) ***Сотиволдиев Р. Ш.*** Барномаи таълимӣ аз фанни назарияи идоракунӣ. Душанбе. 2005. 34с.

б) ***Ализода Б.П.*** Барномаи таълимӣ аз фанни фарҳангшиносӣ – Душанбе. 2005. -32с.

в) ***Раҳматҷонов А.: Оқилова М.*** Программа по курсу система правоохранительных органов. Худжанд. 2005. 8с.

г) ***Турсунов Ф.*** Барномаи корӣ аз фанни мантиқ. Хуҷанд. 2005. 12с.

д) ***Турсунов Ф.*** Барномаи таълимӣ аз фанни фарҳангшиносӣ. Хуҷанд. 2005. 15с.

ж) ***Абдулатипов У.*** Барномаи корӣ аз фанни фалсафа. Хуҷанд. 2005. 15сӯ

з) ***Раҳматов Б***. Барномаи корӣ аз фанни реҷаи сирдорӣ. Хуҷанд. 2005. 4с.

и) ***Раҳматов Б***. Барномаи корӣ аз фанни ташкили кори полиси давлатҳои хориҷӣ. Хуҷанд. 2005. 6с.

й) ***Қосимов Д.*** Программа по курсу оружие массово поражения и зағита войск. Худжанд. 2005. 4с.

к) ***Қосимов Д.*** Программа по курсу связь. Худжанд. 2005. 5с.

к) ***Қосимов Д.*** Программа по курсу военно-инженерная подготовка. Худжанд. 2005. 4с.

л) ***Муҳаммадиев Х.*** Барномаи таълимӣ аз фанни тарбияи ҷисмонӣ. Хуҷанд. 2005. 10с.

м) ***Рахимов Мӯ*** Программа по курсу административного права. Худжанд. 2005. 10с.

н) ***Сайёдов И.*** Барномаи анализи математикӣ. Душанбе. 2005. 16с.

12. **Мақолаҳои илмӣ-публитсистӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо%** 72-то

Розиқзода А.Ш. -5; Иномов М. (ф. №4)-16; Назаров Н. -2; Шокиров Т. -4; Раҷабов Р.М. -3; Сайфиддинов А. -2; Каримов А. -9; Азизуллоев Ш. -5; Давлатшоева А.-4; Асламов Б. -1; Имомназаров Ф. -5; Самиев Н. -3; Абиров А. -1; Махкамов Ш. -2; Эгамбердиев У. -2; Ҳасанов Ҳ. (ф. №4) -2; Раҳимов М. (ф.№4) -2;

13. **Буклет** - нест.

14. **Баромадҳои ҳафтаина дар радиои ҷумҳурӣ** (дар мавзӯи «Тоҷикон дар масири таърих») -**Ализода Б.П**.

15. **Тақризҳо -5;**

1**.** ***Солиев К.Х.*** Отзыв на автореферат диссертации Азимова Назира Бозорбаевича на тему: «Особенности уголовной ответственности и наказания несовершеннолетних по новому уголовному законодательству» (по материалам Республики Таджикистан), представленной на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.08. - уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право;

2ь ***Солиев К.Х.*** Отзыв на автореферат диссертации Сафарова Х. С. «Терроризм: проблемӣ законодательного закрепления и квалификации (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ)», представленной на соискание ученой степени кандидата юридических наук по

специальности 12.00.08 - уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право. Москва, 2005 г. - 20с.

3. ***Раджабов Р.М., Сайфиддинов А.*** Отзыв на автореферат диссертации Меликовой А.Х. "Организационно-правовые аспекты функции государство по социальной защите…» на соиск. Уч. Степ. **К.ю.н.**

4. ***Шокиров Т.*** Тақриз ба автореферати рисолаи илмии Махкамов Б. - «Омоними ашъори Лоиқ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.08.

5. ***Хокироев Р.*** Тақриз ба автореферати рисолаи илмии Мирзоев З. - «Истилоҳоти варзишӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои филологӣ.

Илова бар ин: аз ҷониби шӯъбаи илм якчанд маводи илмӣ ва илмиву методӣ ба миқдори 12 китобҳои дарсӣ: брошюраҳо: дастурҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимӣ ба табъ расонида шудаанд.

Зикр кардан бамаврид аст: ки устодони Академия дар навиштани тақризҳо ба рисолаҳои дипломии шунавандагони факултети № 1 ҳамчун роҳбари илмӣ ва навиштани тақризҳо ба ин рисолаҳо низ фаъолона ширкат меварзанд (Аз ҷумла% Саймуддинов Ш.С., Солиев К.Х., Худоёрбеков Х.Д., Ғафуров М.Ҳ., Сотиволдиев Р.Ш., Холиқов А.Г., Сафаров И.Д., Латипов Т., Азизова Г.З.,Буриев И.).

Мавриди таъкид аст: ки натиҷаҳои илмӣ-тадқиқотии ҳайати устодони Академия дар соли равон бо чунин нишондодҳо хотима намеёбанд: зеро аксари маводи илмию методӣ омода шудаанд: аммо бо сабабҳои объективӣ рӯи чоп наомадаанд.

Дар марҳилаи сипаригашта: мутобиқи Нақшаи фаъолияти илмию тадқиқотии Академия 30 мавзӯъҳое тадқиқ шуда истодаанд: ки натиҷаҳои онҳо барои такмили фаъолияти ҳуқуқтадбиққунии МКД мусоидат мекунанд. Аз ҷумла%

**<u>Банди 1</u>** ба масоили такмили фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тааллуқ дошта: аз 4 зербанд иборат аст: ки ба истисной зербанди 4 (чопи маҷаллаи Академияи ВКД) дигар зербандҳо иҷро шудаанд.

**<u>Банди 2</u>** ба масоили таъмини илмии коркард ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ бахшида шудааст ва иборат аз 2 зербанд буда: аз ҷониби масъулин (Солиев К.Ҳ. ва Шарифов Т.) иҷро шудааст (пешниҳодҳо дар шӯъбаи илм маҳфузанд).

**<u>Банди 3</u>** дар бораи таъмини илмии коркарди эзоҳоти роҳбарикунандаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва аз 2 зербанд иборат мебошад. (масъулин -Солиев К.Ҳ. ва Шарифов Т). Дар иртибот ба ин мавзӯъ 1-адад монография (Шарифов Т) ва 3-адад мақолаи илмӣ ба табъ расонида шудааст.

**<u>Банди 4</u>** мавзӯи таърихи МКД-и ҶТ-ро дар бар мегирад: ки аз 2 зербанд иборат буда: 1-тоаш (таълифи мақолаҳо) иҷро шудааст ва монография дар бораи милитсия дар солҳои истиқлолият ба чоп омода мешавад (масъул – Розиқзода А.Ш.).

**<u>Банди 5</u>** доир ба таърихи системаи пенитенсиарии ҶТ бахшида шудааст: ки ба истисной зербанди 2-юм (чопи дастури таълимии сиёсатшиносӣ) дигар зербандҳо иҷро шудаанд (масъул – Абдулов А.М.).

**<u>Банди 6</u>** хусусиятҳои ташаккули маданияти сиёсии тоҷикон дар шароити истиқлол унвон дорад: ки масъули он Асламов Б. мебошад. Дастури таълимии «Маданияти сиёсӣ» омодаи чоп аст ва дигар зербандҳо иҷро шудаанд.

**<u>Банди 7</u>** ба каф. ***фанҳои ҷамъиятӣ*** дахл дорад ва дорои 5 зербанд аст. Аз он зербандҳои 3 ва 5 иҷро гаштаанд. Лекин чорабиниҳои банақшагирифташуда оид ба омода кардани 2 дастур ва 1 нишондоди методӣ иҷро нагаштаанд (масъулин - Розиқзода А.Ш.: Ализода Б. ва Ҷӯраев Р.).

Дастоварди муҳимми кафедраи мазкур аз он иборат аст: ки соли ҷорӣ сарвари кафедра: н.и.т. Абдулов А. рисолаи доктории худро омода карда: барои ҳимоя ба Академияи Идоракунии ВКД-и ФР пешниҳод намудааст ва умед аст: ки онро дифоъ мекунад.

**<u>Бандҳои 8-9</u>**: ки ба каф. ***назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат*** тааллуқ доранд: аз 11 зербанд иборат буда: лекин: мутаассифона: ғайр аз зербандҳои 4-ум ва 5-уми банди 8 ва зербандҳои 1-ум ва 6-уми банди 9 (ки ба чоп омода шудаанд) дигар зербандҳо иҷро нашудаанд

(нигаред ба нақшаи илмии 2005). Дар тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» саҳми роҳбари кафедра назаррас мебошад.

**<u>Бандҳои 10-11</u>** такмили асосҳои ташкилӣ ва тактикии фаъолияти оперативию ҷустуҷӯии МКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини илмиву методии тадриси фанни ФФҶ унвон дошта: ба ***кафедраи ФФҶ (ОРД)*** мутааллиқ аст ва ба ҷуз ҳисобот ягон банд иҷро нашудааст. Вале иштироки фаъоли устодони кафедра Азизуллоев Ш. ва Самиев Н. дар тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» бағоят назаррас аст.

**<u>Бандҳои 12-13</u>**: ки ба масоили актуалии такмил додани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии МКД ва такмили таълими ***фанҳои маъмурию ҳуқуқӣ*** бахшида шудааст: аз 6 зербанд иборат мебошад. Ғайр аз зербандҳои 2: 3 (омода кардани ду Инструксия барои кормандони пайраҳадорию дидбонии МКД- ҶТ" ва " Инструксия барои нозирони минтақавии МКД-и ҶТ» - банди 12) ва мақолаҳои илмӣ-публисистие: ки дар рӯзномаи "Сипар" ба табъ расонида шудаанд: дигар зербандҳо иҷро нашудаанд. Сарвари кафедра (Каримов А.) дар навиштани тафсири Қонун "Дар бораи милитсия" саҳми аз ҳама калон дорад.

**<u>Бандҳои 14-15</u>** ба ***каф. мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика*** тааллуқ дошта: ду самтро дар бар мегирад%

а) такмили асосҳои ташкил ва усули тафтишоти ҷиноятҳо дар мақомоти тафтишоти пешакии ВКД-и ҶТ;

б) таъмини илмӣ-методии таълими ҳуқуқи мурофиавӣ ва криминалистика.

Аз банди 14-ум танҳо зербанди 3 (мақолаҳои илмӣ) иҷро шудааст. Мақолаҳои банашррасида ба шарҳу тафсири Қонун "Дар бораи милитсия" бахшида шудаанд: ки дар таълифи онҳо Имомназаров Ф. саҳми бевосита дорад.

**<u>Банди 16 ва 17-ум</u>** ба ***кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ*** тааллуқ доранд: ки аз 5 зербанд иборат буда: 3-тои он -Пешниҳодҳо оид ба такмили ҳуқуқ татбиққунии МКД ва таълифи мақолаҳои илмӣ иҷро шудаанд.

**<u>Банди 18</u>** қонунгузории нави граждании ва татбиқи он дар фаъолияти МКД ном дошта: ба ***кафедраи ҳуқуқи гражданӣ*** тааллуқ дорад ва 4 зербандро дар бар мегирад. Ғайр аз зербанди 4 (таълифи мақолаҳои илмӣ: публисистӣ) (Махкамов Ш.: Нодиров Ф.: Саидов А.) дигар зербандҳо иҷро нашудаанд.

**<u>Банди 19</u>** ба ***кафӯ омодагии касбию ҷисмонӣ*** тааллуқ дошта: такмили омодагии касбию ҷисмонии кормандони МКД ва шунавандагони Академия унвон дорад: аз 5 зербанд иборат аст: ки ягонтоаш иҷро нашудааст. Кафедра дар тӯли мавҷудияташ ба ягон муваффақиятҳои илмӣ: методӣ ноил нагаштааст (ба истиснои иштироки баъзе аз аъзоёни дастаҳо дар мусобиқаҳои варзишӣ).

**<u>Бандҳои 20 ва 21</u>** ба ***кафедраи забонҳо*** (сарвараш Миров С.) тааллуқ дошта: масоили забон ва услуби навишти санадҳои меъёрӣ ва аз ҷониби дотсент Хокироев Р. таълиф намудани 2 монографияро дар бар мегирад. Дар иртибот ба мавзӯъ: ки дар банди 20 пешбинӣ гаштааст: ягон мақола ба чоп расонида нашудааст. Вале берун аз нақша: мақолаҳои илмӣ-публисистии дотсент Хокироев Р. ва муаллимаи кафедра Давлатшоева А. (берун аз мавзӯи пешбининамудаи кафедра) дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Дар иртибот ба банди 21: маҷмӯаи мақолаҳои дотсент Хокироев Р. ба табъ расид. Таълифи 2 монография: ки дар банди 21 ба нақша гирифта шудаанд: мӯҳлатноканд (то 2006-2008).

**<u>Банди 22</u>**: ки ба ***кафедраи математика ва фанҳои муҳандисиву техникӣ*** тааллуқ дорад: аз 4 зербанд иборат буда: ба проблемаҳои таъсис ва рушди технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва такмили курсҳои информатика ва техникаи махсус бахшида шудааст. Аз банди мазкур зербандҳои 1: 2 ва 3 барои таълифи 1 монография ва 2 дастури методӣ пешбинӣ шудааст: ки иҷро нагардидааст.

**<u>Банди 23</u>** -такмили раванди таълимию методӣ унвон дошта: ба шӯъбаи таълим тааллуқ дорад ва дорои 1 зербанд аст% интишори мақолаҳо: ки иҷро нагардидааст.

**<u>Бандҳои 24 - 30</u>** ба факултаи 1-ум (сарвараш Ғафуров М.Ҳ.) тааллуқ дошта: аз ҷониби устодони он 2 китоби дарсӣ (Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи идоракунӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе. 2005. 207с.; Бахриддинов С. Защита прав человека как функция и обязанность милиции. Ду-

шанбе. 2005. 173с.): 1 монография (Холиқов А.Г. Правовая система зороастризма. Душанбе. 2005. 485с.) 4 дастури таълимӣ (Сафаров И. Теории правового государства: исторические развитие и современное понимание. Душанбе. 2005. 60с.; Ғафуров М.Ҳ.: Равшанов Ҷ.Б. Практикуми лаборатории МАТЛАБ барои ихтисосҳои муҳандисӣ. Қисми 1. Душанбе. 2005. 103с. ва Ғафуров М.Ҳ.: Равшанов Ҷ.Б. Практикуми лаборатории МАТЛАБ барои ихтисосҳои муҳандисӣ. Қисми 2. Душанбе. 2005. 107с.; Искандаров З. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. Душанбе. 2005. 304с.) ва 1 барномаи таълимӣ (Сотиволдиев Р.Ш.) ба табъ расидааст. Ҳамаи бандҳое: ки ба факултаи 1-ум тааллуқ доранд: иҷро шудаанд: зеро ҳайати устодони он аксар номзадҳои илм ва докторон маҳсуб мегарданд: ки ба раванди таълим ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҳатман таъсири мусбат мерасонанд.

Бояд қайд намоем: ки бо вуҷуди огоҳиҳои чандинкарата (ҳам хаттӣ ва ҳам даҳонӣ) роҳбарияти факултаи 3 (дотсент **Ёқубов М.Х**.) ба Шӯъбаи илми Академияи ВКД то ҳанӯз ҳисоботи илмии солонаи ҳайати устодону профессорони факултаро (ба истисноი Назаров Н.Ҷ. ва Холмуродов) бо сабабҳои номаълум таъмин накардааст: ки чунин саҳлангориву беэътиноӣ: албатта: боиси халалдор гаштани фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ хоҳад буд.

Факултети 4 ҳисоботро пешкаш намуд ва маҳсули эҷодии ҳайати профессорону устодони он нисбат ба солҳои пешин назаррас ва шоёни таҳсин мебошад. Аз ҷумла: аз ҷониби профессор **Иномов** М. 1 монография (Шуҷоати Спитамен. Хуҷанд: «Хуросон»: 2005. 280с): аз ҷониби дотсент **Шокиров Т.** 1 дастури таълимӣ (Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. Хуҷанд. 2005. 70с.): аз ҷониби **Оқилова М.** 1 коркарди методӣ (Методическая разработка по криминалистике. Худжанд. 2005.12с.): аз ҷониби **Раҳматҷонов А.** ва **Оқилова М.** 1 китоби Курси лексияи мурофиаи ҷиноӣ. Худжанд. 2005.12с.) ва инчунин 12 барномаҳои гуногуни таълимӣ аз ҷониби устодони факулта (нигаред ба банди «Барномаҳои таълимӣ) бо табъ расонида шудаанд: ки қобили таҳсин ва дастгирист.

Бояд таъкид намоем: ки сарварони баъзе кафедраҳо то ҳанӯз зарурият ва ҷиддӣ будани тадқиқоти илмиро мутобиқи Нақша дарк накардаанд ва чорабиниҳои солонаи илмиро дар мавриди таҳия намудани маводи дахлдор (обзорҳои таҳлилӣ: маълумотномаҳои аналитикӣ) омода накардаанд: ки ташвишовар аст: ҳол он ки иҷрои чунин корҳо ба самти кории кафедраҳо мувофиқат мекунад. Боварӣ ҳаст: ки пас аз ошкор гардидани чунин камбудиҳои ҷиддӣ: минбаъд коллективи ин кафедраҳо фаъолияти илмии худро пурзӯр мекунанд.

Соли сипаригашта дар мавриди пешниҳод кардани такмили санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ: тайёр кардани маводи аналитикӣ: маҷмӯи ҳуҷҷатҳо: пешниҳодоти методӣ аз ҷониби якчанд кафедраҳо (**Ҳикматов Ш.: Махкамов Ш.: Миров С.: Хайров М.: Раҷабов Р.: Аминов Х.: Нарзуллоев С.А**.: **Абдулов А.**) омода нагардидаанд

Олимони Академия оиди коркарди лоиҳаҳои қонунҳо дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ: ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буданд: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативиии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Мисол: Шарипов Т. ва Солиев К.Ҳ. дар ҳайати гурӯҳи корӣ: ки дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шудааст: дар коркарди лоиҳаи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дохил намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»: инчунин дар Шӯрои илмӣ-консултативии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок карда истодаанд. Солиев К.Ҳ. аъзои се гурӯҳи кории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди имплементатсияи ҳуқуқи башари (гуманитарии) байналхалқӣ: имплементатсияи Статути Римии Суди ҷиноятии байналхалқӣ ба қонунгузории Тоҷикистон ва омодакунии маърӯзаи миллии ҶТ ба Созмони Милали Муттаҳид оид ба шиканҷа мебошад. Профессор Сотиволдиев Р.Ш. ва доктори илмҳои ҳуқуқ Холиқов А.Ғ. аъзои Шӯрои минтақавии диссертатсионии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон мебошад. Як қатор муаллимони Академия (Розиқзода А.Ш.: Солиев К.Ҳ.: Сотиволдиев Р.Ш.: Шарипов Т.: Шокиров Т.: Хокироев Р.: Саидолимов К.С.: Раҷабов Р.М.: Сайфиддинов А.) дар навиштани тақризҳо ба рисолаҳои илмӣ ва фишурдаи онҳо (автореферат) иштирок кардаанд.

**Иҷроиши корҳои диссертатсионӣ ва маълумот оид ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотии ҳайати унвонҷӯёни Академияи ВКД-и ҶТ дар соли 2005**

Дар самти татбиқи тадқиқоти диссертатсионӣ: мутобиқи фасли 2-юми Нақшаи илмӣ: аз 25 мавзӯи банақшагирифташуда: ки 9-тои он ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва 16-тои он ҳимояи рисолаҳои номзадӣ мебошанд: танҳо 2-тои он дар арафаи ҳимоя ва иҷро шудан аст (Абдулов А.М. ва Абдулатипоф У.) Ҳимояи рисолаҳои доктории Назаров Н.: Холиқов К.: Шарипов Т. ва Баҳриддинов С.: ки ба соли 2005 рост меоянд: иҷро нашудаанд. Ҳимояи 4 рисолаи дигари докторӣ (Сафаров И.: Ализода Б.: Сайёдов И. ва Хокироев Р.) мӯҳлатноканд.

Ҳимояи 3 рисолаҳои илмии номзадӣ (Миров С.: Муродов М. ва Давлатшоева А.): ки то соли 2005 пешбинӣ шуда буданд: иҷро нашуданд. Ҳимояи 13 рисолаҳои илмии номзадӣ мӯҳлатноканд.

Пӯшида нест: ки дар ҳама макотиби олӣ дар мавриди қабул ва ҷобаҷогузории ҳайати омӯзгорону мутахассисон: вобаста ба малакаи касбиашон: таваҷҷӯҳи хосса зоҳир карда мешавад. Академияи ВКД низ аз ҷумлаи ҳамон мактабҳои олӣ маҳсуб гардида: дар он: тибқи асноди меъёриву ҳуқуқӣ: фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ ба роҳ монда шуда: аз ҷониби роҳбарият назорат бурда мешавад.

Роҳбарияти Академия ва шӯъбаи илм барои дар оянда тайёр намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ тадбирҳои мушаххас меандешанд. Аз ҷумла: то имрӯз 13-нафар аз устодони Академия ба шӯъбаи адъюнктураи Академияи идоракунии ВКД-и Федератсияи Россия фиристода шуда: баҳри дарёфти унвонҳои илмӣ рисолаҳои номзадӣ навишта истодаанд. Соли равон 2-нафари дигар (Насуров П. ва Ҳасанбоев М.) барои таҳсили рӯзона равона карда шуданд.

Дигар унвонҷӯёне: ки дар кафедраҳои гуногуни факултаҳои Академия кору фаъолият мебаранд: тибқи имкониятҳои мавҷудбуда ба корҳои илмиву тадқиқотӣ машғуланд. Аз ҷумла: 10-нафар номзадҳои илм: ки аз онҳо 6-нафар номзади илмҳои ҳуқуқ (Шарифов Т.: Холиқов К.: Баҳриддинов С.: Нодиров Ф.: Сафаров И.: Саидамиров Б.): 2-нафар номзади илмҳои таърих (Абдулов А.: Назаров Н.): 1-нафар номзади илмҳои филологӣ (Хокироев Р.) ва 1-нафар номзади илмҳои педагогӣ (Сайёдов И.) мебошанд: барои анҷом додани рисолаҳои докторӣ омодагӣ мебинанд. Рисолаи доктории мудири кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ Абдулов А. айни замон барои дифоъ ба Академияи Идоракунии ФР пешниҳод карда шудааст. Рисолаи номзадии сарвари кафедраи фанҳои гуманитарии факултаи 4 –Абдулатифов У. барои муҳокима ба Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқи АИ ҶТ супорида шуд.

Тибқи маълумоте: ки дар шӯъба мавҷуд аст: айни замон 15-нафар омӯзгорони бе унвони илмӣ ба сифати унвонҷӯ фаъолият мекунанд: ки қисме аз онҳо имтиҳоноти номзадиашонро супоридаанду қисми дигарашон бо сабабҳои объективӣ насупоридаанд. Аз ҷумла: 8-нафари зерин имтиҳоноти номзадиашонро супоридаанд% Амирқулов М.: Миров С.: Асламов Б.: Шоев Б.: Азизова Г.: Алиев А.: Раҳимов Г. Аз инҳо 3-нафари аввал (Амирқулов М.: Миров С.: Давлатшоева А.) мавзӯи илмӣ доранд: дигар боқимонда унвонҷӯён (Аминов Х.: Холиқов У.: Ғафуров М.С.: Убайдуллоева Ф.: Куҷев Н.: Азизова Г.: Нозимов С.) тибқи муроҷиат ва мактубҳои расмии Академияи ВКД дар муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ ба ҳайси унвонҷӯ эътироф ва ба қайд гирифта шудаанд: аммо роҳбар ва мавзӯи илмии баъзеи онҳо тасдиқ нашудааст ва соли равон ягон маводи илмӣ ҳам ба табъ нарасонидаанд ба истиснои 1 мақолаи публисистии Нозимов Саҳоб дар рӯзномаи «Сипар»).

Тибқи талабот: ҳисоботи унвонҷӯён ба шӯъбаи илм ирсол гардида: мавриди омӯзиш қарор гирифт. Натиҷаи фаъолияти онҳо ба таври зайл сурат гирифтааст%

Мавзӯи рисолаи илмии Амиркулов М. тибқи қарори Шӯрои илмии Академияи ВКД (аз 28.04.2002) тасдиқ гардида: имтиҳоноти минимум аз ҷониби ӯ дар Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа супорида шудаанд (шаҳодатномаи супоридани имтиҳонот дар шӯъба маҳфуз аст). Роҳбари илмӣ надорад: то айни замон ягон мақолаи илмӣ ва ё маводи таълимӣ ба табъ нарасонидааст.

Мавзӯи рисолаи илмии Миров С.-«Омӯзиши истилоҳоти ҳуқуқӣ дар мақомоти корҳои дохила» мутобиқи қарори Шӯрои илмии Академияи илмҳои педагогӣ (аз 09.04.2002) тасдиқ

гардидааст. Имтиҳоноти минимум аз ҷониби ӯ дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон супорида шудаанд (шаҳодатномаи супоридани имтиҳонот дар шӯъба маҳфуз аст). То имрӯз 3- мақолаи илмӣ ва илмӣ-методӣ ба табъ расонидааст (Осори илмии Академияи ВКД: нашри 4: 5: 6): барои рисола маводи зарурӣ ҷамъ оварда мешавад.Соли ҷорӣ мақолаи илмӣ ба табъ нарасонидааст.

***Давлатшоева А.*** 1 китоби Маҷмӯаи шеърҳо (2003): 1 мақолаи илмӣ (дар Осори илмии Академияи ВКД: нашри 6 –2003) ва якчанд мақолаҳои публисистиро (дар шумораҳои «Сипар» аз 16 ва 27-уми октябри 2005) ба табъ расонида: имтиҳоноти минимумро низ супоридааст. Айни замон роҳбари илмӣ (академик Обидов Ш.)ва мавзӯи илмии ӯ таъйин ва тасдиқ гардидааст.

***Асламов Б.*** як дастури методӣ: якчанд мақолаҳои илмӣ: методӣ ва публисистиро ҳам дар шумораҳои гуногуни Осори илмии Академияи ВКД ва ҳам дар рӯзномаи «Сипар» ба табъ расидааст. Имтиҳоноти минимумро дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон супоридааст (шаҳодатномаи супоридани имтиҳонот дар шӯъба маҳфуз аст). Роҳбари илмӣ надорад.

***Шоев Б.*** 2 имтиҳони минимумро супорида: то айни замон 1 мақолаи илмӣ (дар Осори илмии Академияи ВКД: нашри 6) ба табъ расонидааст ва 1 барномаи таълимиро низ аз фанни иқтисод омода кардааст.

***Азизова Г.*** 1 мақолаи илмӣ (дар Осори илмии Академияи ВКД: нашри 6 - 2003): 2 мақолаи публисистӣ (дар рӯзномаи «Сипар» аз 13 ва 27-уми октябри соли 2005) ва 2 имтиҳоноти минимумро супоридааст: мавзӯъ ва роҳбари илмӣ надорад.

***Муродов М.*** 2 мақолаи илмӣ (дар Осори илмии Академияи ВКД: нашри 4 ва 6) ба табъ расонида: имтиҳоноти минимумро низ супоридааст. Роҳбари илмӣ ва мавзӯи илмӣ дорад: вале кори рисоларо то ҳанӯз ба анҷом нарасонидааст.

***Алиев А.: Раҳимов Г.*** имтиҳоноти минимумро супоридаанд: вале айни ҳол роҳбар ва мавзӯи илмӣ надоранд. Алиев А. 1 барномаи таълимӣ (2003) ба табъ расонидааст.

***Мақсудов Р.*** унвонҷӯи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст: вале мавзӯъ ва роҳбари илмиаш то ҳол таъйин нагардидааст: имтиҳоноти минимумро низ насупоридааст ва ягон мақола ё маводи илмӣ чоп накардааст.

***Одинаев А.*** 1 барномаи таълимӣ: якчанд мақолаи илмӣ (бо ҳаммуаллифӣ) ва имтиҳоноти минимумро супоридааст: вале роҳбари илмӣ ва мавзӯи илмӣ надорад.

***Имомназаров Ф.*** доир ба баъзе моддаҳои Қонун «Дар бораи милитсия» дар рӯзномаи «Сипар» якчанд мақола ба табъ расонидааст: мавзӯъ ва роҳбари илмӣ надорад.

## Омӯзгороне: ки ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-методӣ умуман машғул нестанд%

**аз факултети 1-ум%** Зиёев М.: Латипов Т.;

**аз факултети 2-юм%** Саидов А.: Кучев Н. (кафедраи ҳуқуқи граждани̇); Сафаров Ҷ.: Убайдуллоев Ш.: Шарипов Ш. (кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ); Макеева Н.: Мақсудов Р.: Аҳмедов С. (кафедраи забонҳо); Хайров М.: Саидов Б.: Сангов З. (кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ); Аминов Х.: Хоҷаев С.: Сангов М.: Холиқов У.: Собиров А.: Шарипов А. (кафедраи тайёрии ҷисмонӣ) Ҳасанов З.: Абдураҳимов М. (кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ); Абиров А.: Ҳомидов С.: Маҷидов Р.: Шарипов Ф.: Сатторов Б. (кафедраи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ); Муминов А.: Исматуллоев П.: Ҳомидов А.: Наврӯзов С.: (кафедраи математика ва информатика); Акрамов М. (кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ);

**аз факултаи 3-юм%** Якубов М.Х.: Исмонов Ҷ.Б.: Букриева В.Д.: Семченко Л.П.: Гурезов К.: Мирсаидова С.: Қузибоев Т.; Расулов М.

**аз факултаи 4-ум** рӯйхати омӯзгороне: ки ба корҳои илмӣ тадқиқотӣ ва илмӣ-методӣ умуман машғул нестанд: мутаассифона: то ҳол ба шӯъбаи илм пешкаш нагардидаст.

Гуфтан ҷоиз аст: ки муассисаи таълимии мо инчунин ба сифати муассисаи пешбурд оид ба ҳимояи рисолаҳои илмӣ баромад мекунад.

**Дар мавриди ҳамкорӣ бо қисматҳои амалӣ дар рафти гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ.**

Ҳамкории Академия бо намояндагони амалии мақомоти корҳои дохила ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ дар самтҳои зерин инкишоф ёфтаанд%

а) гузаронидани тадқиқоти якҷояи илмӣ (Розикзода А.Ш.: Назаров Н.Ҷ.: Каримов А.)

б) ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ-амалӣ: лексияҳо: семинарҳо бо ҳайати кормандони пойгоҳи хизматии дидбонӣ (ППС): ҳайати шахсии РКД: РБДА: РКД дар нақлиёт: Раёсати кадрҳои ВКД: Раёсати экспертӣ-криминалистӣ: Раёсати тиббии ВКД (Солиев К.Ҳ.: Раҷабов Р.М.: Сайфиддинов А.А.: Ҷӯраев Р.: Каримов А.М.: Хаитова Р.: Боев Ҷ.: Ҳомидов С.: Асламов Б.: Алиев А.: Акрамов М.);

в) таълим додан: тайёр намудан ва аз нав тайёр кардани мутахассисон (факултети 1:2 ва 3). Тадқиқоти якҷояи илмии Академия бо қисматҳои амалии ВКД барои таъмин намудани эҳтиёҷоти амалия равона шуда: бо такмил додани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Мисол: дар якҷоягӣ бо ВКД дастурҳои таълимӣ ва монографияҳо оиди таърихи фаъолияти милитсияи тоҷик омода шуда баъзеи онҳо чоп шуда истодаанд (Розиқзода А.Ш.: Назаров Н.Ҷ.: Каримов А.).

Айни муддао мебуд: агар бо иштироки якҷояи олимони Академия ва ВКД лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бораи ин ё он самтҳои фаъолиятӣ қисматҳои ВКД тайёр карда шаванд ва аллакай заминаи чунин иқдом гузошта шудааст. Масалан: бо кӯшиши сарвари кафедраи Ҳуқуқи маъмурӣ Каримов А. ду (2) дастурамал пурра ба чоп тайёр карда шудааст.

**Сафарҳои илмӣ ва хизматӣ**

Кормандони Академия: ки ба сафарҳои илмӣ рафта буданд: дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқию ҷумҳуриявӣ: семинарҳо: курсҳои коромӯзиву мизҳои мудаввар (Раҷабов Р. -Казоқистон: Отабоева Л. –Москва: Абдулов А.) иштирок намуданд; 1-нафар рисолаи доктории худро дар Академияи Идоракунии ВКД-и ФР ба ҳимоя пешниҳод намуд (Абдулов А.М.); 12-нафар устодони Академияи мо адъюнкти Академияи Идоракунии ВКД-и ФР буда: ҷамъоварии маводи заруриро оиди тадқиқоти диссертатсионӣ давом дода истодаанд.

Мутаассифона: охири соли равон: аз Академияи Идоракунии ВКД-и ФР ба унвонии Академияи мо дар мавриди муносибати саҳлангорона зоҳир кардани 2-нафар адъюнкт - Зуҳуров З. ва Гадоалиева Н. нисбати ӯҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда мактуби расмӣ ворид гашт: ки чунин зуҳуроти номатлуб ба рушду такомули муносибатҳои байни Академияи Идоракунии ВКД-и ФР ва Академияи ВКД-и ҶТ таъсири манфӣ мерасонад.

Доир ба иштироки шунавандагон дар спартакиадаю мусобиқаҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ - парондан аз яроқи ҷангӣ: гӯштингирӣ: варзиши сабук: футбол аз ҷониби кафедраи омодагии ҳарбӣ ва ҷисмонӣ ҳисобот пешниҳод нашудааст: бинобар ин дар ин бахш дастовардҳоро муайян кардан ғайриимкон шуд.

**Барпо намудани конференсияҳои илмӣ: семинарҳо**

Соли сипаригашта дар Академия мувофиқи Нақшаи илмӣ 3 конференсияи ҷумҳуриявӣ ва академиявӣ: 7 - семинари илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалиявӣ ва 2 мизи мудаввар пешбинӣ шуда буд: ки аз онҳо 1 семинар ва 1 мизи мудаввар (Каримов А.: Миров С.) иҷро нашуд. Дигар чорабиниҳои зикргардида иҷро гаштанд. Ғайр аз ин, берун аз нақша, конференсияи илмӣ-амалии ҳайати устодону профессорон ва шунавандагони Академия бо иштироки намояндагони ҳаракати Ваҳдати миллӣ ва Эҳҳи Тоҷикистон дар мавзӯи «Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир» баргузор гардид (12ӯ12ӯ05), ки дар он мушовири калони Президент, Раиси Кумитаи иҷроияи ин Ҳаракат, академик Восиев Қурбон, муовини Раис, ректори Донишкадаи забонҳо, профессор Ҷабборова Марҳабо Тухтасиновна, узви Шӯрои Кӯҳансолон, профессор Коберидзе Шалва Бо-

кратович, мушовири калон, ҳамоҳангсози ин Ҳаракат Назирова Латофат Қаххоровна иштирок кардаанд.

Дар мавриди доир гаштани конфронсу семинарҳо дар шӯъбаи илм маълумотнома маҳфуз аст.

Ғайр аз ин: ҳайати профессорону муаллимони Академия дар якчанд конференсияҳои байналхалқию ҷумҳуриявӣ: симпозиумҳои байналхалқӣ ва семинарҳои байналхалқию минтақавию ҷумҳуриявӣ ва мизҳои мудаввари ҷумҳуриявӣ иштирок карданд: ки дар ҳисоботашон ишора гардидааст (Солиев К.Х.: Ҷӯрабоев Г.: Холиқов К.: Ҷӯраев Р.: Ализода Б.: Раҷабов Р.: Саидолимов К.: Сайфиддинов А.Аӯ: Холиқов А.Ғ., Искандаров З.Ҳ., Буриев И.: Раҳимова Г.: Иномов М.: Шокиров Т.: Кенҷаев Ш.: Турсунов Ф.: Абдулатипов У.)

## Ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ

Тибқи қарори Коллегияи муштараки ВКД-и Федератсияи Руссия ва ВКД-и ҶТ "Оид ба равнақ додани ҳамкорӣ дар бахши омода ва аз нав тайёр намудани мутахассисони илмӣ-педагогӣ" моҳи сентябри соли равон аз ҳисоби омӯзгорони Академияи мо 2-нафар омӯзгорон - Насуров П. ва Ҳасанбоев А. ба Шӯъбаи адъюнктураи Академияи Идоракунии ВКД-и Федератсияи Руссия фиристода шуданд: ки айни замон таҳсилиро идома медиҳанд.

## Корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон

Дар ин самт шаклҳои анъанавии корҳои илмӣ-тадқиқотии шунавандагон: аз қабили фаъолияти маҳфилҳои илмӣ: навиштани корҳои илмӣ: озмуни кори хубтарини илмии курсантон: маърӯзаи илмӣ дар маҳфилҳои илмӣ: иштирок кардан дар конференсияву семинарҳои илмӣ ва илмӣ-амалӣ: вохӯрӣ бо олимони шинохта ва кормандони амалӣ на он қадар "қаноатбахш" аст.

Бояд хотиррасон намоем: ки аз тарафи кафедраи **фанҳои ҷамъиятӣ** (сарвари маҳфил Боев Ҷ.): **мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика** (сарвари маҳфил Убайдуллоева Ф.)ва **оперативӣ-ҷустуҷӯӣ** (сарвари маҳфил Самиев Н.) кори маҳфилҳо соли ҷорӣ ҷоннок карда шуда: ба семинарҳо шунавандагон ҷалб карда шуданд ва албатта хуб мешуд: ки чунин иқдом аз ҷониби дигар кафедраҳо низ амалӣ мегашт.

Конференсияҳо ва мизҳои мудаввари шунавандагон аз тарафи омӯзгорони масъул ва сардори кафедраҳо (ҳуқуқи гражданӣ: ҳуқуқи ҷиноятӣ: ҳуқуқи маъмурӣ: забонҳо: математика ва фанҳои техникӣ: назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ: омодагии ҳарбӣ ва ҷисмонӣ: ки сарварии маҳфилҳоро ба ӯҳда доранд: барпо намегарданд. Вохӯриҳо бо олимони барҷастаи ҷумҳурӣ: кормандони амалӣ: ходимони ҷамъиятию сиёсӣ ташкил карда намешаванд. Боздиди музею театр ва виставкаҳо нисбатан камтар ба назар мерасад. Дар конференсияҳои илмие: ки берун аз Академия гузаронида мешаванд: сарвари маҳфилҳо ва кафедраҳо ба иштирок кардани шунавандагон қариб ки мусоидат намекунанд (ба истиснои кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ: ки сарвари он ҳамроҳи шунавандагон ба Қазоқистон сафар карда: дар конкурс ширкат варзиданд). Аз ҷониби шунавандагон барои нашр кардан мақолаҳои илмӣ тайёр карда намешаванд. Онҳо барои ҷамъоварӣ кардани маводи таҷрибавию амалӣ дар доираи тадбиқи нақшаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраҳо ҷалб карда намешаванд ва ҳамчунин дар зери роҳбарии муаллимони кафедраҳо дар коркард ва тайёр кардани маводи таълимию методӣ иштирок намекунанд.

Натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотии курсантон дар воқеъ аҳамияти калони амалӣ дошта: барои баланд бардоштани малакаю маҳорати ояндаи касбии онҳо роли калон мебозанд. Вале: мутаассифона ҳисоботи масъулини кафедраҳо дар ин самт то ҳанӯз пурра нест.

Бо вуҷуди чунин камбудиҳо: дар ин самт баъзе корҳо анҷом дода шуд: ки қобили дастгирист. Масалан: шунавандагони соли 4-ум дар конкурси донишҷӯёни ИДМ ширкат варзида: соҳиби мақоми 3-юм гаштанд. Дастаи КВН ташкил карда шудааст: ки барои иштирок дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ (Ба ДДМТ) омодагӣ мебинад.

Ин чорабиниҳои амалигардида метавонанд то андозае обрӯю эътибори Академияи моро дар миқёси дигар муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ баланд бардоранд.

Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2005 бо дарназардошти корҳои анҷомдодашуда метавон «қаноатбахш» гуфт. Ин дастоварду комёбиҳои хело муҳим: пеш аз ҳама: ба ҳимоя баромадани 2-нафар устодони таълимгоҳи мо (Абдулов А. ва Абдулатипов У. - ф.№4) мебошад: ки нуфӯзи Академияи ВКД-ро дар миқёси муассисаҳои илмию таълимии ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он баланд хоҳад кард. Дар ин самт саҳми Сардори Академия полковники милитсия Дӯстов Ф.Д. ва дастгирии бевоситаи ӯ хело калон мебошад. Инчунин: корҳои зиёди илмии ҳайати профессорону муаллимони Академия: ки барои инкишофи илми тоҷик ва баланд бардоштани самаранокии раванди таълим саҳми сазовор гузоштанд: қобили ёдоварист. Дар ин самт: алалхусус: фаъолияти устодони соҳибунвони Академия назаррас мебошад.

Як қатор олимони дигари Академия низ дар самти таҳриру такмили маводи таълимӣ ба ҳайси аъзои Комиссияи экспертию методии Академияи ВКД (бо сарварии Солиев К.Ҳ.) саҳми арзандаи худро гузошта истодаанд. Инҳо% Солиев К.Ҳ.: Розикзода А.Ш.: Назаров Н.: Ғафуров М.Ҳ.: Ализода Б.: Раҷабов Р.М. ва Саидолимов К.С.

Мутаассифона: соли 2005 аз ҷониби шахсони зерин: ки соҳиби унвонҳои илмианд: мақолаҳои илмӣ таълиф нашудаанд (ҳисоботи онҳо ба Шӯъбаи илм пешкаш нагардидааст)% Ёқубов М.

Дар соли сипаригашта: аз ҷониби Шӯъбаи илм якчанд маҷлисҳои якҷоя бо кафедраҳо барпо карда шуданд: ки барои рушду равнақ додани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии онҳо равона карда шуда буданд. Комёбиҳои илмии Академия дар соли равон нисбат ба соли 2004 аз ҳисоби нишондодҳои нақшагӣ афзудааст. Аксари нишондодҳои пешбинишудаи Нақшаи фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия аз ҷониби устодони унвондор иҷро шудаанд.

Вазъияти ташвишовар (дар мавриди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ) асосан дар кафедраҳои Хикматов Ш.: Маҳкамов Ш.: Аминов Х.: Миров С.: ҳуқуқи ҷиноятӣ ва инчунин дар кафедраҳои факултети 3-юм (ба ғайр аз кафедраи Назаров Н.) мебошад: ки дар онҳо иҷроиши талаботи Нақша "ғайриқаноатбахш" аст. Таъкид карда мешавад: ки роҳбарони кафедраҳои мазкур оиди ҷоннок намудани фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академия ва бахри иҷроиши Нақшаи он чораҳои зарурииро андешанд: зеро чунин вазъият тоқатнопазир аст.

Фаъолияти илмӣ-тадқиқотии Академияро барои соли 2005 ба назар гирифта: бо мақсади баланд бардоштани натиҷаҳои он чунин

# ПЕШНИҲОДҲО

пешкаш карда мешаванд%

1) Нафароне: ки дастовардҳои илмӣ доранд (тибқи маҳсули эҷодиашон дар ин ҳисобот) албатта мукофотонида шаванд;

2) Нисбати кафедраҳои факултети 3 ва 2: ки дастовардҳои илмӣ надоранд: чораҳои зарурӣ (танбеҳ: танбеҳи қатъӣ) андешида шавад;

3) Ҳисоботи сафарҳои илмию хизматии кормандон бояд сари вакт ба Шӯъбаи илм дастрас гардад;

4) Мувофиқи Протоколи имзошудаи байни Академияи Идоравии ВКД-и Россия ва Академияи ВКД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам вусъат бахшидани такмили ихтисос: тайёр намудани мутахассисон ва коромӯзӣ: кормандони Академия бисёртар сафарбар карда шаванд;

5) Азбаски кафедраи омодагии ҳарбӣ ва ҷисмонӣ то имрӯз ягон натиҷаҳои илмию тадқиқотӣ надорад: сари ин мушкилот чораҳои ташкилӣ бояд андешида шавад;

6) Самти фаъолияти маҳфилҳои илмии шунавандагон бо мусоидати сардорони кафедраҳо ҷоннок карда шуда: нисбати омӯзгороне: ки дар ин самт масъуланду беэътиноӣ зоҳир кардаанд: чораҳо андешида шавад;

7) Барои иншои китобҳоии дарсӣ: монография: таълифи рисолаҳои илмӣ ва дигар маводи таълимӣ: устодони Академия тибқи имконоти мавҷудаи дар доираи қонун пешбинишуда ба рухсатиҳои эҷодӣ ҷалб карда шаванд;

8) Маълум аст: ки ҳар як омӯзгор дар тӯли ҳафта ягон рӯзҳои холӣ надорад: бинобар ин: аз Роҳбарият хоҳиш карда мешавад: ки барои дар як ҳафта як рӯз ба китобхона рафтани устодон иҷозат диҳад.

**Ҷонишини Сардори Академия**
**оид ба илм: н.и.ҳ.:**
**полковники милитсия** **К.Ҳ.Солиев**

**07.12.05.**